PIAS

# Тавсиянома барои фермерон

Чилди.18



## ПАРВАРИШИ ЗАҒИР

Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ

Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дастурамали мазкур дар доираи лоиҳаи кӯмаки техникии Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналхалқӣ (JICA), «Беҳтар намудани хизматрасонӣ дар соҳаи кишоварзӣ тавассути мустаҳкам намудани ташкилотҳои кишоварзӣ дар Тоҷикистон» таҳия ва нашр карда шуд.

Ҳуқуқи муаллифиро ба ин дастурамал танҳо Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналхалқӣ дорад.

Ҳангоми истифода бурдан ва ё аз нав чоп кардани қисми мавод номи JICA бояд дарҷ карда шавад.

**Муаллифон:**

Маҳмадёров Усмон -доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор

Ҷаборов Таваккал -номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент

Шарипов Нурулло -номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент

Рашидов Қаҳрамон -номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент

**Мушовирон:**

Масаказу Канамото, Хироши Кикучи, Такеши Абе ва Туракул Муродов.

**Душанбе – 2012**

# МУНДАРИЧА


Маълумоти умумӣ / Хусусиятҳо ..... 1

Навъҳо ..... 2

Киштгардон ..... 3

Нақшаи мавсимӣ барои кишт ..... 3

Тақвим ..... 3

Тайёр намудани замин ..... 3

Тайёр намудани тухмӣ ..... 4

Кишт ..... 4

Парвариш ва нигоҳубин (Нуридиҳӣ) ..... 5

Ҳосилҷамкунӣ ..... 5

Касалиҳо ва хашаротҳо ..... 6

# МАЪЛУМОТИ УМУМӢ / ХУСУСИЯТҲО

Дар байни зироатҳои равғандоре, ки дар Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Тоҷикистон парвариш карда мешаванд, зағир зироати асосии ба таври васеъ паҳншуда буда, дар хоҷагии халқ аҳамияти калон дорад.

Зағир дар Тоҷикистон зироати хоси заминҳои лалмист. Онро асосан дар заминҳои лалмии аз боришот таъмини водии Ҳисор ва минтақаи Кӯлоб мекоранд. Минтақаи паҳншавии он то ба баландии 2500м аз сатҳи баҳр мерасад.

Новобаста аз он ки зағир равғандор ба заминҳои лалмӣ мутобиқу ба хушкӣ нисбатан устувор аст, дар шароити аз намӣ таъмин ҳам ҳосили баланд медиҳад. Зағир дар давраи пайдоиши майсаҳо то гулкунӣ 70-75% намии заруриро истифода мебарад. Махсусан дар давраи ғунчабандӣ то охири гулкунӣ эҳтиёҷи зағир ба намӣ меафзояд).

Дар солҳои мусоид (аз рӯи боришот) дар сурати риояи агротехникаи парвариш пешқадамони истеҳсолот аз ҳар гектар то 8-9 сентнер ҳосил мегиранд. Ҳосили миёнаи зағир дар ҷумҳурӣ 4-4.5с/га аст. Ҳосили баланди (7-8с/га) зағир дар заминҳой лалмии хоҷагиҳои ноҳияи Данғара гирифта мешавад. Дар китъаҳои навъсанҷии ноҳияи Темурмалик ҳосилнокии мнёнаи зағир то ба 10.9с/га мерасад.

Зағири равғандор нисбатан ба гармӣ (махсусан дар давраи пухта расидани тухмӣ) эҳтиёҷ дорад. Тухмии зағир дар он ҳангом неш мезанад, ки ҳарорати зери хок 5-6°С гарм бошад. Дар чунин ҳарорат майсаҳо баъди 8-10 рӯзи коштан пайдо мекунанд. Майсаҳои зағир ҳарорати сармои баҳории - 4-5°С-ро ба осонӣ аз сар мегузаронанд.

Барои зағир дар давраи нашъунамо ҳарорати мӯътадил дар ҳудуди 18-22°С аст. Зағир дар давраи нашъунамояш 1600-1800°С гармиро талаб мекунад.Новобаста ба он ки зағири равғандор ба заминҳои лалмӣ мутобиқу ба хушкӣ нисбатан устувор аст, дар шароити аз намӣ таъмин ҳам ҳосили баланд медиҳад. Зағир дар давраи аз пайдоиши майсаҳо то гулкунӣ 70-75 фоиз намии заруриро истифода мебарад. Махсусан дар давраи ғунчабандӣ то охири гулкунӣ зҳтиёҷи зағир ба намӣ меафзояд. Агар дар ин давра намӣ кофӣ набошад, киштзор сирак, пояи растаниҳо кӯтоху камшох шуда, растаниҳо пеш аз мӯҳлат гул карда, камғӯза (коробочек) мешаванд ва дар натиҷа ҳосилнокӣ кам мегардад.

Зағир растании дарозрӯз буда, худ гардолудша-ванда ва баъзан дар солҳои хушку гарм (дар давраи гулкунӣ, аз якдигар гардолудшаванда аст. Давраи гулкунии зағир дарозмуддат буда, дар як хел навъҳо 25-30 рӯз давом мекунад. Гардгира-каш 3-4 рӯз ва худи гард то 2-рӯз қобилияти ҳаётии худро нигоҳ медорад. Давраи нашъунамоии зағир дар Тоҷикистон аз пайдоиши майсаҳо то пурра пухта расидани ғӯзаҳо, дар киштҳои аввалибаҳорӣ 90-110 рӯз ва дар киштҳои тирамоҳӣ мутобиқан дарозтар давом мекунад.

## НАВЪҲО

| Навъ | Тасниф |
|---|---|
| **Ҳисории 474** | Ин навъ дар Иттиҳодияи илмию-истеҳсолии «Зироаткор» бо усули интихоби оммавӣ аз намунаи тухми навъи маҳалии ҳисорӣ рӯёнида шудааст. Ин навъ ба шакли сершоху барги хурддонаи зернамуди Евроосиёӣ мансуб аст. Соли 1990 барои парвариш дар ҳама минтақаҳои ҷумҳурӣ (ба ғайр аз ВХБК) ноҳиябандӣ кунонида шудааст. Ин навъ миёнапаз буда, давраи нашъунамояш 85-90 рӯз буда, шохачаҳои хурд дорад. Тухмаш хурд, қаҳваранг ва вазни 1000 донааш 4.1-6.4 гр аст. Навъи ба хушкӣ тобовар буда, пояаш хобнорав ва барои ғунучини механиконӣ мувофиқ аст. Ҳосилнокии миёнааш дар қитъаҳои навъсанҷии ноҳияи Темурмалик то ба 10.9 с/га расидааст. Тухмаш 39.9-45.3 фоиз равған дорад. Ба касалиҳои занг ва фузариоз миёна гирифтор мешавад. Ин навъ ба шароити маҳал нағз мутобиқ шудааст. |
| **Бахмалӣ-2** | Навъи «Бахмали-2» дар Пажухишгохи Тадкикоти илмии галлаи Ҷумхурии Узбекистон, аз навъи «Бахмал-1056» гурухи муаллифон интихобан ихтироъ кардаанд. Аз соли 1991 дар Ҷумхурии Точикистон барои кишт тавсия дода шудааст. Навъи мазкур барои парвариш дар тамоми минтакахои чумхурӣ бидуни Вилояти Мухтори Кухистони Бадахшон барои парвариш тавсия карда мешавад. Майсааш сабз, пояаш рости нохамвор мебошад. Баргхояш нештаршакл аст, гулаш осмониранг. Тухмаш чигарӣ, микдори 1000 донаи тухмаш 7.4 граммро ташкил менамояд. Хосилнокии тухмаш дар шароити заминхои лалмӣ 14.6 сентнерро дарбар мегирад. Дар таркиби тухмаш 43.6% равган, 19.4% сафеда, 177 воҳид йод мавчуд мебошад. Навъи пешпазак буда, давраи нашъунамояш аз рузи неш зада баромадан то пурра пухта расидани хосил 89 рузро ташкил менамояд. Пояҳояш устувор буда, тухмаш намерезад. Ба касалихои фузариози растанӣ ва занг тобовар буда, ба сироят кардани онхо устувор мебошад. |

## КИШТГАРДОН

Кишгардон дар вақте натиҷаи хуб медиҳад, ки аз руи нақша ва тартиби муаян ҷорӣ карда шавад. Бо навбат кишт намудани зироатҳо ба эрозия тоборари хатари обшуӣ ва бодхурдани хокро бартараф менамояд. Ҳангоми кишти мунтазами як зироат алфҳои бегона ва касалиҳои мутобиқи зироатҳо пах н ва   зиёд мешавад.

**Ҷадвали киштгардон барои кишти зағир (6 қитъагӣ)**

| Сол | Қитаи замин | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| 1 | Зағир | Гандум | Нахуд | Гандум | Гандум | Тарбуз |
| 2 | Тарбуз | Зағир | Гандум | Нахуд | Гандум | Гандум |
| 3 | Гандум | Тарбуз | Зағир | Гандум | Нахуд | Гандум |
| 4 | Гандум | Гандум | Тарбуз | Загир | Гандум | Нахуд |
| 5 | Нахуд | Гандум | Гандум | Тарбуз | Загир | Гандум |
| 6 | Гандум | Нахуд | Гандум | Гандум | Тарбуз | Загир |

## НАҚШАИ МАВСИМӢ БАРОИ КИШТ

### ТАҚВИМ

**Замини лалми**




Кишти бахори

Кишттирамоҳӣ

### ТАЙЁР НАМУДАНИ ЗАМИН

Барои кишти баҳории зағир дар тирамоҳ майдонҳоро дар чуқурии 25-26 см бо испорҳои тамғаи ПЛН - 4-35 ва тракторҳои ДТ-75, Т-150 шудгор мекунанд. Аввали баҳор бо мурури фаророасии расиши хок майдонҳои шудгоркардашударо дар чуқурии 6-8 см дар якҷоягӣ бо сихмола (БЗТС-1) ва чизел нарм намуда, дарҳол ба кишт шурӯъ мекунанд.



## ТАЙЁР НАМУДАНИ ТУХМӢ



Кишти зағир бо тухмиҳои ба талаботи стандартӣ ҷавобгӯ ва ба синфи 1-2 мансубан тозагиашон на кам аз 90 фоиз, қобилияти нешзаниашон на кам аз 95 фоиз буда гузаронида мешавад. Пеш аз кишт тухмиҳоро барои безараркунӣ аз маҷмӯи касалиҳо (антракноз, фузариоз, аскохитоз ва дигарҳо) ба воситаи ТМТД (2-3 кг+ 3-5 л об) ё фентиурами 80 фоиза (3 кг барои 1 т тухмӣ) заҳролуд мекунанд.

## КИШТ

Зағир ба зироатҳои пешинакишт талаботи калон дорад. Зағир дар майдонҳои аз касалиҳои ҳашаротҳои зараррасони зироатҳои кишоварзӣ ва аз алафҳои бегона (талхак, махсусан алафи бегонаи карантинӣ-зардпечак) тоза нағз нашъунамо мекунад. Барои зағир гандуми тирамоҳии дар заминҳои дамдодашуда ҷойгиркардашуда, юнунчқазор, зироатҳои лубиёгӣ (нахӯд, наск), зироатҳои байни қаторашон коркардашаванда (ҷуворимакка, лаблабу) ва зироатҳои полезӣ пешинакишти хубанд. Зағир дар ҳолати ба намӣ таъмин будан, барои юнучқаи соли якӯм зироати хуби муҳофиз аст, зеро вай намиро кам сарф карда, ба юнучқаи зерпӯш (подпокров) на он кадар таъсири манфӣ мерасонад.

Баҳорон бо фарорасии ҳарорати 5-6°С дар чуқрии қарордошти тухмӣ, ба кишти зағир сар менамоянд. Мӯҳлати кишти зағир ба мӯҳлати кишти барвақтии баҳории зироатҳои ғаллагӣ рост меояд. Кишти барвақтии муносибе, ки аз намӣ нағз таъмин шудааст, киштзорро аз ҳашаротҳои зараррасон, махсусан аз канаи зағирӣ муҳофизат мекунад.

Дар ноҳияҳои водигӣ зағир охири тирамоҳ низ кошта мешавад ва ҳосилнокии он аз зағири баҳорӣ ҳеҷ камие надорад. Тухмӣ бояд чунон кошта шавад, ки дарҳол неш назанад ва ҳарорати хок набояд аз 2-3°С баланд бошад. Чунин ҳолат имконият медиҳад, ки тухмӣ танҳо баҳор майса занад.

Зағир ба воситаи тухмипошакҳои тамғаи СЗ-3.6, СЗТ-3.6 кошта мешавад. Зағир ба усули қатории муқаррарие, ки байни қаторҳояш 15 см аст дар чуқурии 3-4 см кошта мешавад. Дар қитъаҳое, ки алафи бегонаи зиёд доранд, зағирро бо усули васеъҷӯяк (45 см) мекоранд. Меъёри кишти тухми 7-8 млн. дони ба нешзанӣ қобил ба ҳисоб меравад, ки он ба 35- 40 кг/га баробар аст. Меъёри тухмӣ барои киштҳои охири тирамоҳӣ ва ноҳияҳои баландкӯҳ то 45 кг/га зиёд карда мешавад. Дар минтақаҳои аз бориш миёнатаъмин баръакс, тухмӣ бо меъёри кам (то 20-25 кг/га) кошта мешавад.

**Усули коридан**




## ПАРВАРИШ ВА НИГОҲУБИН (НУРИДИҲӢ)

Дар Тоҷикистон одатан аз меъёрҳои зерини нурипошӣ истифода мебаранд: нитроген -50-60 кг/га, фосфор- 40-50 кг/га ва ҳангоми норасоии калий дар хок 40-46 кг/га калий.

Нуриҳои фосфорию калийгиро пеш аз шудгор ва нитрогениро 25-30 кг/га ҳангоми нармкунии пешазкиштӣ ва 20-25 кг/га-ашро дар вақти пайдошавии майсаҳо меандозанд.Вобаста ба бориш дар саҳарии барвақт додани ғизои нитрогенӣ беҳтар аст.

| Мӯҳлати истифодабарӣ | | Номгӯи нуриҳо | Меъёри истифодабарӣ (кг/га) |
|---|---|---|---|
| 1. | Тирамох | Нуриҳои фосфорӣ (аммофос ё суперфосфат) | 40-50 |
| | | Сулфати калий | 40-46 |
| 2. | Бахор | Нуриҳои нитрогенӣ (селитраи аммиакӣ) | 50-60 |

## ҲОСИЛҶАМКУНӢ



Зағир дар давраи пурра пухтанаш дар мӯҳлати кӯтоҳ ғундошта мешавад. Аломатҳои пухта расидани зағир инҳоянд: хокистарранг шудани ғӯзачаҳо, ранги мӯътадилии тухмӣ, озод ҳаракат кардан ва садо додани тухмӣ дар дохили ғӯзачаҳо. Зағир ба воситаи комбайнҳои ғалладарав бо олотҳои барои дарави зироатҳои майдадон- таҷҳизонидашудаи СК-5,

«Нива» инчунин зағирро бо роҳи дастӣ дарав карда мешавад.

Зағирро бо усули дудаврагӣ ҳамон вақте медараванд, ки 70 фоизи ғӯзачаҳояш хокистарранг шуда бошанд. Баъди 5-6 рӯзи дарав пас аз хушк шудани ғарами даравидашуда онро ба воситаи комбайнҳо мекубанд.

Зағири кӯфташуда аввал аз мошинаи ОВП-20 АТ, баъд аз ОС-4.5А ё СМ-4 гузаронида мешаванд. Тухмиро тоза карда, намнокиашро то ба 12-13 фоиз расонида, баъд барои нигоҳдорӣ ва коркард мефиристанд.

## КАСАЛИҲО ВА ХАШАРОТҲО



Зағир дар давраи аввал суст инкишоф ёфта, рӯи хокро кам соя мекунад. Ин ба алафҳои бегона имкон медиҳад, ки тез паҳн шуда, киштзорро пахш карда, ба растаниҳо таъсири манфӣ расонанд. Ба муқобили хамаи алафҳои бегона гербитсиди Роондап 36 % бо меъёри 4.6-6.0 л/га дар давраи тирамоҳ пас аз ҷамъоварӣ истифода бурда мешавад. Зардпечакро дар сарчашмаи пайдошавиаш сӯзонда, хокашро чапагардон мекунанд.

Ба муқобили касалиҳои асосӣ- фузариоз, ки ба пажмурдашавӣ ва пусиши гарданаки решаҳои растанӣ сабаб мешавад, чорабиниҳои пешгирикунандаи агротехникӣ, заҳролуд кардани тухмиҳо пеш аз кишт, ҷойгиркунии зағир дар киштгардон, татбиқи навъҳои ба касалиҳо устувор гузаронида мешавад. Дар мубориза ба муқобили ҳашаротҳои зараррасони кишоварзӣ (кирми ғӯза, кайки зағирӣ ва дигарҳо)- БИ-58 40%, Нав (0.5-1.0 л/га) ва бар зидди кирми гамма, трипсҳои зағирӣ, мевахӯраки зағирӣ-Карбофос 50 фоиз э. к. (0.4-0.8 л/га) истифода бурда мешаванд.

Истифодабарии захрдорухо дар киштзори зағир ва анборхои тухми нигохдошташаванда

| Заҳролудкунандаҳои тухмии зағир барои пешгирии касалиҳо | |
|---|---|
| Бар зидди кадом мавзеи зараррасон | Асакихитоз, фузариоз |
| Номгӯи пеститсид | Витовакс 200 фф |
| Меъёри сарфаи заҳрдору | 1.5-2.0 л/т |
| Мухлати коркард | Заҳролудкунии тухмӣ бо суспензияи заҳрдору бевосита пеш аз кишт. Сарфа 10л маҳлули корӣ барои 1 тонна тухмӣ |

| Гербитсидҳо - заҳрдоруҳо мубориза бар зидди алафҳои бегона | |
|---|---|
| Бар зидди кадом мавзеи зараррасон | Ҳамаи алафҳои бегона |
| Номгӯи пеститсид | Раондап 36% |
| Меъёри сарфаи заҳрдору | 4.6-6.0 л/га |
| Мухлати коркард | Дар давраи тирамоҳ баъд аз ҷамъоварӣ |

| Инсектидсидҳо - заҳрдоруҳо мубориза бар зидди ҳашаротҳо | |
|---|---|
| Бар зидди кадом мавзеи зараррасон | Кирми ғӯза, кайки зағир |
| Номгӯи пеститсид | БИ-58-и 40% Нав |

| | |
|---|---|
| Меъёри сарфаи заҳрдору | 0.5-1.0 л/га |
| Мухлати коркард | Пошидан дар давраи нашъунамо ва бевосита бо пайдошавии ҳашарот |

| Фунгитсидҳо – заҳрдоруҳо мубориза бар зидди касалии растаниҳо | |
|---|---|
| Бар зидди кадом мавзеи зараррасон | |
| Номгӯи пеститсид | Олтингугирди хока Сулфур 80 % |
| Меъёри сарфаи заҳрдору | 15-30 кг/га |
| Мухлати коркард | Пошидан дар давраи нашъунамо бо пайдошавии нишонаҳои авалини касалӣ |

| Заҳрдоруҳо барои коркарди бинои амборҳо | |
|---|---|
| Бар зидди кадом мавзеи зараррасон | Захираи ҳашаротҳо<br>Бинои амборҳои маҳсулот надароварда |
| Номгӯи пеститсид | Фостак |
| Меъёри сарфаи заҳрдору | 0.4 мл/$м^2$ |
| Мухлати коркард | Коркард бо усули намноки, 200 мл, маҳлули кори ба $1м^2$. даромадани одамон,даровардани бор ба амбор баъди 72 соати коркард |

| | |
|---|---|
| Бар зидди кадом мавзеи зараррасон | Захираи ҳашаротҳо<br><br>Ҳудуди назди амбор |
| Номгӯи пеститсид | Каратэ |
| Меъёри сарфаи захрдору | 0.8 мл/м$^2$ |
| Мухлати коркард | Коркард бо усули намноки, 400мл, маҳлули кори ба 1м$^2$ |

PIAS

The Project for
Improvement of
Agricultural Extension Service
through Reinforcing
Agrarian Organization
in Republic of Tajikistan

Суроға:
тел: (+992 37) 221 44 03
ш. Душанбе, х.Рудаки 44,
ошёнаи 4-уми бинои Вазорати
кишоварзии ҶТ

Институти боғпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

Суроға: ш.Душанбе, х.Рудаки 21А,

тел.: 227 08 01

E-mail: bogparvar@mail.ru

Донишгоҳи Аграрии Тоҷикистон ба номи Ширишоҳ Шотемур,

Суроға: ш.Душанбе, х.Рудаки 146,

тел.: 2246167, 2247198